# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём “Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.00- Адабиётшиносӣ (10.01.01.- Адабиёти тоҷик).**

Замони истиқлол имконияти бештаре барои аҳли илму адабиёт ва андешамандони кишвар дар мавриди таҷдиду бознигарии навиштаҳо, андешаҳо ва консепсияҳои илмии қаблиашон фароҳам сохт. Ба ҳамин хотир? айни замон дар адабиётшиносии тоҷик як навъ раванди тозаи илмию таҳқиқи ҷараён дорад, ки онро муҳақиқон навназарӣ ё аз нигоҳи имрӯз баррасӣ намудани консепсияҳои қаблӣ номиданд.

Диссертатсияи Ҷамолиддин Сироҷзодаро метавон дар ин масир иқдоми муҳим ва шоиста ҳисобид. Зеро дар замонаш бар асари маҳдудиятҳои сиёсию мафкуравӣ бисёр масъалаҳои муҳимми марбути эҷодиёти устод С. Айнӣ то ба охир ба таҳқиқ нарасида буданд. Ғайр аз ин, худи мунаққидону адабиётшиносон ҳам бештар осори нависандаро аз нигоҳи нақди иҷтимоъгаро, ки дар он солҳо нуфузи бештар дошт баррасӣ менамуданд. Ҷ. Сироҷзода дар баробари таҳқиқи илмию воқеъбинонаи равандҳои айнишиносӣ, кӯшиш кардааст, ки нақдҳои воқеиро аз нақдҳои иҷтимоъгароёнаи нимаи аввали қарни XX ташхис намуда, ба онҳо баҳои воқеӣ диҳад.

Диссертант масоили марбут ба айнишиносиро вобаста ба мубрамият ва муҳиммияташон ба се бахш тақсим карда, дар се боби алоҳидаи диссертатсия ба таҳқиқ мегирад. Дар боби якум масъалаи таҳқиқи зиндагинома ва осори устод Айниро аз солҳои бистум то солҳои шастуми садаи XX баррасӣ менамояд. Вай дуруст таъкид мекунад, ки сарфи назар аз маҳдудиятҳо ва монеаҳои мафкуравӣ муҳаққиқони одилу дақиқназар кӯшиш ба харҷ додаанд, ки аҳволу осори Айниро, воқеъбинона ва ба таври илмӣ таҳқиқ намоянд. Дар ин робита, диссертант дуруст қайд мекунад, ки навиштаҳои Б. Азизӣ, Ҷ. Икромӣ, Н. Бектош ва дигарон, ки солҳои бистуму сиюм ба нашр расиданд, бозтобкунандаи руҳияи нақди адабии ҳамон давра буданд. Чунки дар марҳилаи аввал бештар баҳсҳо дар атрофи асарҳои муҳимми устод С.Айнӣ “Намунаи адабиёти тоҷик”, повести “Одина” ва романи “Дохунда” сурат мегирифт. Махсусан, нашри тазкираи “Намунаи адабиёти тоҷик” мунаққидони мафкурагаро ва сиёсатбозро фаъол кард. Аммо баъдтар ин асари муҳимми С.Айнӣ аз тарафи олимони воқеӣ ва мунаққидони соҳибназар Й. Брагинский, М. Шукуров, Н. Масъумӣ, С. Табаров, А. Сайфуллоев ва дигарон баҳои воқеӣ гирифт. Ин

донишмандон зимни мақолаю китобҳои арзишманди худ собит намуданд, ки С. Айнӣ, на танҳо поягузори адабиёти навини тоҷикӣ, балки асосгузори илми адабиётшиносии муосир низ мебошад.

Диссертант Ҷ. Сироҷзода дар боби дуюми диссертатсия масоили марбути мазмун ва ғояи осори Айнӣ, нақду баррасии паҳлӯҳои мазкури осори адиб дар нақду адабиётшиносии нимаи дуюми садаи бистро муфассал баррасӣ мекунад. Муҳаққиқ зимни таҳлили таълифоти айнишиносони маъруф қайд мекунад, ки масъалаи тавзеҳи илмии мазмуну муҳтавои осори С.Айнӣ ҳанӯз аз солҳои бистуму сиюми садаи XX шуруъ гардида, то ба имрӯз идома дорад. Дар ҳар як марҳилаи инкишофи айнишиносӣ муҳаққиқон аз дидгоҳи замон ва ниёзҳои маънавию мафкуравии он осори адибро тавзеҳ намуданд, ки ин боиси ба вуҷуд омадани назарҳои гуногун, афкори рангин ва ақидаҳои мухталиф дар мавриди шинохти воқеии асарҳои илмию адабии нависанда гардид.

Бояд гуфт, ки устод С.Айнӣ дар баробари нависандаи тавоно ва соҳибҳунар будан, инчунин, олими дақиқназару покизакор дар самтҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ ва таърихнигорӣ таълиму тадрис ва ғайра мебошад. Асарҳои дар ин заминаҳо ба нашр расонидаи ӯ дар рушди улуми номбурда, дар давраи нав нақши калидӣ бозиданд, ки ин нукта аз тарафи донишмандони ватанию хориҷӣ борҳо зикр гардидааст.

Диссертант зимни баррасии афкори олимон дуруст таъкид мекунад, ки фаъолияти адабиётшиносии С.Айнӣ аз ибтидо то охири умри нависанда идома доштааст. Ин самти фаъолияти устод С. Айнӣ дар таҳқиқоти муҳимму бунёдии М. Шакурӣ, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, А. Маҳмадаминов, Х. Асозода, А. Набавӣ ва дигарон дар сатҳи лозимӣ таҳқиқ шудааст.

Дар диссертатсияи Ҷ. Сироҷзода ба таври мушаххас ва монографӣ ба таҳқиқ омадани паҳлӯҳои асосии айнишиносӣ ҳамчун як самти пурбори илми адабиётшиносии муосир, на танҳо барои бознигарии мақому мартабаи адабии устод С. Айнӣ, балки барои шинохти имрӯзии шахсият ва эҷодиёти нависанда муҳим аст.

Дар баробари дастовардҳои илмию пажӯҳиши дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Унвони бобу фаслҳои диссертатсияро вобаста ба проблемаҳои илмии дар онҳо баррасишаванда бояд таҳрир кард.
2. Дар бахши дараҷаи омӯзишии мавзуъ, диссертант танҳо бо номбар кардани асару мақолаҳои айнишиносон иктифо мекунад, ки он моҳияти масоили мавриди назари диссертантро равшан намесозад

Камбудиҳои номбурда ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, онҳо арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро кам намесозанд. Диссертатсияи Ҷ. Сироҷзода “Ташаккул ва таҳаввули айнишиноӣ дар Тоҷикистон” таҳқиқоти комилу ба анҷом раисда буда, он ба талаботи таълифи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯст.

Мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, он ба доираи мавзуъҳои марбут ба ихтисоси 10.01.00.-Адабиётшиносӣ (10.01.01- Адабиёти тоҷик) комилан мувофиқат мекунад. Аз ин ҷиҳат ҳам диссертант сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01.- Адабиёти тоҷик) мебошад.

Муқарриз:

Абдуллоев Ромезҷон Холмуминович – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

имзои номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Абдуллоев Ромезҷон Холмуминович тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсус

Сайдуллозода Заррина

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров
Тел: 6-52-73; 6-47-39;
Факс: 6-75-18; E-mail:rector@hgu.tj

18.04.2025